ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

АКАДЕМИЯ

# ҲУҚУҚИ
# ШАХСИ ДАСТГИРШУДА

Душанбе - 2017с.

Аз тарафи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр ва мувофиқа карда шудааст.
Муҳарири масъул: Маҷидзода Ҷурахон Зоир.

Маводи мазкур бо дастгирии ТҶҶ «СФШҒ- Тоҷикистон» дар доираи лоиҳаи «Коҳиши норасоӣ дар соҳаи саломатӣ ва ҳуқуқ барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ», ки аз тарафи Вазорати корҳои хориҷии Нидерландия маблағгузорӣ карда мешавад, чоп карда шудааст.

**Ҳамаи ҳуқуқҳо ҳифз шудаанд.**

Интишор, интиқол, паҳн намудан ё нусхабардорӣ намудани ҳар кадом қисми китобча иҷозат дода шавад ба шарте, ки он бо мақсади ғайритиҷоратӣ дар оянда истифода бурда мешавад. Албатта ба Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии СФШҒ-Тоҷикистон ишора намоед.

***Ройгон паҳн карда мешавад***

© СФШҒ- Тоҷикистон
(AFEW-Tajikistan), соли 2017
e-mail: tajikistan@afew.tj
http: www.afew.tj

## Шаҳрвандони мӯҳтарам! Мо бо Шумо дар бораи дастгиркунӣ ва ҳуқуқҳои Шумо ҳангоми дастгиркунӣ сӯҳбат карданием



Дастгиркунӣ метавонад маъмурӣ ва ё мурофиавӣ-ҷиноятӣ шавад.

Мӯҳлати дастгиркунии маъмурӣ барои муайян кардани шахсият наметавонад аз 3 соат зиёд бошад. (Қисми 1 моддаи 63) кодекси мурофияи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мӯҳлати дастгиркунии мурофиавӣ - ҷиноятӣ метавонад то 72 соат давом кунад. Дар баробари ин, муассисае, ки дастгиркуниро ба ҷо овард, ӯҳдадор аст, ки ба таври хаттӣ прокурорро дар давоми 24 соат огоҳ намояд.

Агар судя баъди гузаштани 72 соат пешниҳод намояд, ки дастгиршуда бояд озод шавад, муассисае, ки дастгиркуниро амалӣ намуд, ин пешниҳодро ба таври ҳатмӣ бояд иҷро намояд.

Баъди гузаштани 72 соат аз вақти дастгиркунӣ, мақомотҳои таҳқиқ ё тафтишотӣ пешаки вазифадоранд, ки:

а) дастгиршударо аз ҳабс озод намоянд;

б) дастгиршударо аз ҳабс озод намуда, дар ҳаққи ӯ чораи

дигаре, ки бо аз озодӣ маҳрум кардан алоқаманд нест, интихоб кунанд;

в) ба судя маълумотҳои асоснокро барои интихоби чораи пешгирӣ – ба ҳабс гирифтан – пешниҳод намоянд ва барои ин аз судя иҷозатнома гиранд.

**Шахс танҳо дар асоси гумони бевосита дар содир намудани ҷиноят дастгир карда мешавад. Мувофиқи моддаи 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳеч кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад».**

Ҳар як айбдоршаванда то гуноҳи ӯ бо тартибе, ки аз тарафи қонун пешбинӣ карда шудааст,

исбот нашуда бошад ва то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят, гунаҳгор дониста намешавад.

Айбдоршаванда ӯҳдадор нест, ки бегуноҳии худро исбот намояд.

Ҳама гуна шубҳаҳои гунаҳгории шахс ба фоидаи айбдоршаванда маънидод карда мешавад.

**Мувофиқи қисми 2 моддаи 4 Кодекси ҷиноятии (КҶ) Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳеҷ кас дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад ва ба ҷазои ҷиноятӣ кашида намешавад, ба ҷуз бо ҳукми суд ва дар асоси қонун».**

Моддаи 91 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КМҶ ҶТ) шахсонеро, ки метавонанд дастгир карда шаванд, муайян мекунад. Ин танҳо шахсоне мебошанд, ки дар содир намудани ҷиноята, ки барои он ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ё нигоҳ доштан дар қисмҳои ҳарбии интизомӣ пешбинӣ шудааст ва инчунин айбдоршаванда ва судшавандае, ки қоидаҳои чораи пешгирии нисбат ба ӯ татбиқшударо вайрон намудааст.

**Асосҳое, ки мутобиқи он шахсро метавонанд дастгир кунанд,** дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 91 КМҶ ҶТ нишон дода шудааст:



**Дастгиркунии шахс истифода бурда мешавад танҳо:**

- ба шахси гумонбар дар ҷиноятe, ки барои он ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ё нигоҳ доштан дар қисмҳои ҳарбии интизомӣ пешбинӣ шудааст;

- ба айбдоршаванда ва судшавандае, ки қоидаҳои чораи пешгирии нисбат ба ӯ татбиқшударо вайрон намудааст;

- ба маҳкушудае, ки нисбати ӯ оиди бекор кардани ҳукм оид ба шартан татбиқ накардани ҷазо (моддаи 71 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) , шартан пеш аз мӯҳлат аз адои ҷазо озод кардан (моддаи 76 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), ё мавқуф гузоштани иҷрои ҷазо (моддаи 78 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) пешниҳоди муассисаи ваколатдор вуҷуд дорад.

Дар қисми 3 моддаи мазкур гуфта шудааст, ки дастгиркунии шахс дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

- дар асоси гумони бевосита дар содир намудани ҷиноят;

- дар асоси қарори мақомоти таъқиби ҷиноятӣ;



-дар асоси қарори (таъиноти) суд, судя дар бораи дастгир кардани маҳкумшуда то ҳалли масъалаи бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо, мавқуф гузоштани иҷрои ҷазо ё шартан пеш аз мӯҳлат аз адои ҷазо озод кардан.

Дар асоси моддаи 94 КМҶ ҶТ дар давоми се соат протокол дар бораи дастгир кардан тартиб

дода мешавад, ки дар он асос, ҷой ва вақти дастгиркунии воқеӣ (бо зикри рӯз, соату дақиқа), натиҷаҳои кофтукови шахсӣ, инчунин вақти тартиб додани протокол дарҷ мегарданд.

Ба дастгиршуда протокол эълон карда мешавад ва ҳуқуқҳое, ки бо моддаи 46 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, фаҳмонда мешаванд, инчунин ҳуқуқи даъват кардани ҳимоятгар ва дар иштироки ӯ нишондод додан дар протокол қайд карда мешавад. Протокол аз тарафи шахсе, ки онро тартиб додааст ва дастгиршуда имзо карда мешавад.

Оиди гузаронидани дастгиркунӣ таҳқиқбаранда ё муфаттиш вазифадоранд, ки дар муддати 24 соат аз лаҳзаи дастгир кардан,

ҳатман ба прокурор маълумоти хаттӣ диҳанд.



## Ҳуқуқҳои Шумо ҳангоми дастгир кардан

**Дар моддаи 19** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда шудааст, ки **ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир, ҳабс кардан мумкин нест.** Ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шудан метавонад

аз ёрии адвокат истифода кунад.

**Моддаи 21 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини намудааст: «Қонун ҳуқуқи ҷабрдидаро ҳифз мекунад. Давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдида кафолат медиҳад».**

Мувофиқи моддаи 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия», корманди милитсия дар ҳама ҳолатҳо вазифадор аст ба шаҳрванд, шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд асосу сабаби маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ, инчунин вобаста ба ин пайдо гардидани ҳуқуқу ӯҳдадориҳояшро фаҳмонад.

Корманди милитсия, мувофиқи моддаи 5 Қонун «Дар бораи милитсия», ҳуқуқи ҳимоя ва

дигар ҳуқуқҳои шахсони дастгиршуда ва ҳабсгардидаро таъмин мекунад, дар ҳолатҳои зарурӣ ташхиси тиббии онҳоро мегузаронад, инчунин бетаъхир дар бораи дастгир намудани онҳо ба хешовандон, маъмурияти ҷои кор ё таҳсил ва дар мудлати 24 соат ба прокурор хабар медиҳад, дар мавриди зарурат ба дастгиршудагон барои расонидани кумаки аввалияи тиббӣ, инчунин барои рафъи хатар, ки ба ҳаёт, саломатӣ ё амволи онҳо ҳангоми дастгиркунӣ ё ҳабс таҳия менамояд, татбирҳо мандешанд.

**Мувофиқи меъёрҳои Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои зерини дастгиршудагон**

**муқаррар шудааст:**

- нишондод диҳад ё надиҳад ва дар ин бора пеш аз пурсиш хабардор карда шавад;
- донад, ки барои чӣ гумонбар шудааст;
- нусхаи протоколи дастгиршавӣ ё қарорро оид ба татбиқи чораи пешгирӣ гирад;
- бо забони модарӣ ё забони дигаре, ки медонад, нишондод диҳад;
- аз хизмати тарҷумон ройгон истифода барад;
- далелҳо пешниҳод кунад;
- дархост изҳор кунад;
- бо протоколҳои амали тафтишӣ, ки бо иштироки ӯ гузаронида шудаанд, ҳамчунин бо маводе, ки ба суд барои татбиқи ҳабс нисбат ба ӯ чун чораи пеш-

гирӣ равон карда шудааст, шинос шавад;

- раддия изҳор намояд;

- аз амалу қарори суд, прокурор, муфаттиш ва шахси таҳқиқбаранда шикоят намояд.

- аз лаҳзаи дастгир шудан ҳимоятгар дошта бошад, аз ҷумла тибқи ҳолат ва тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур аз кӯмаки ҳимоятгар ройгон истифода барад;

- аз лаҳзаи дастгир шудан бидуни мамониат бо ҳимоятгар як ба як мулоқот кунад;

- дар амалҳои тафтишӣ, ки тибқи дархости ӯ ё дархости ҳимоятгар гузаронида мешавад, иштирок намояд;

- бо протоколи амалҳои тафтишӣ шинос шавад ва нисбат ба

он эроди худро изҳор кунад;

- бо қарори таъин кардани экспертиза ва хулосаи коршинос шинос шавад, пас аз ба охир расонидани тафтиш бо маводи парванда шинос шавад ва аз он ҳама гуна маълумоти заруриро рӯйнавис кунад;

- аз амал ва қарорҳои шахси таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя шикоят кунад;

- дар муҳокимаи судӣ оид ба баррасии интихоби чораи пешгирӣ иштирок кунад.

Ҳар як дастгиршуда ҳуқуқи истифода бурдани либос ва пойафзоли худ, инчунин дигар ашёҳои заруриро дорад.

Дастгиршудагон дар камераҳое (ҷои нигоҳдории маҳбус), ки талаботҳои зерин бояд риоя

карда шаванд, ҷойгир карда мешаванд:

- мардҳо дар алоҳидагӣ аз занҳо нигоҳ дошта мешаванд;

- ноболиғон дар алоҳидагӣ аз калонсолон.

Ягон шахси дастгиршуда ба шиканҷа, бо мақсади водоштан ё нишондод додан бар зидди худ ва шахси дигар, гирифтор карда намешавад.

Дахлнопазирии шахс аз тарафи давлат кафолат дода мешавад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад. Маҷбуран гузаронидани таҷрибаҳои тиббӣ ва илмӣ нисбати инсон манъ аст. Ин хел кафолатҳоро моддаи 18 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шумо медиҳад. Барои

ҳамин Шумо ҳуқуқи ба суд шикоят кардан аз рӯи амалҳои зидди ҳуқуқии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки ҳуқуқҳои Шумо-




ро вайрон кардаанд, доред.

**Занон ва кӯдакони мӯҳтарам, ҳуқуқҳои Шуморо дар вақти дастгир кардан хотиррасон мекунем**

Баробарии ҷинсҳо яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи байналхалқӣ мебошад, ки дар Низомномаи Созмони Миллали Муттаҳид (СММ), Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (моддаи 2) ва дар моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Мардон ва занон баробарҳуқуқанд» пешбини шудааст. Мувофиқи принсипи баробарии ҷинсҳо, ҳамаи ҳуқуқҳо барои ҳимоя ба мардон ва занон як хел пешниҳод карда мешаванд.

Муносибати гуманистӣ ва эҳтироми шаъну шарафе, ки ба инсон тааллуқ доранд, қабули чораҳои иловагии ҳимояи ҳуқуқҳои занонро талаб мекунад:

* ҳангоми дастгиркунии зан, кофтукови шахсӣ, бояд аз тарафи

корманд-зан гузаронида шавад;

* занони дастгиршуда бояд дар алоҳидагӣ аз мардони дастгиршуда нигоҳ дошта шаванд;

* кормандоне, ки дастгиркунӣ ва дигар амалҳои тафтишотиро мегузаронанд, нисбати зани дастгиршуда бояд муносибати башардӯстона кунанд.

**Мувофиқи Эъломия оид ба ҳуқуқи кӯдак, кӯдак – ин «ҳама гуна мавҷудоти инсонии то синни 18-сола, агар тибқи қонуне, ки нисбати ин кӯдак истифода мегардад, ӯ пештар ба синни балоғат нарасида бошад» (моддаи 1).**

Ноболиғон дар ҳолатҳои махсус ба масъулияти маъмурӣ, ҷиноятӣ ва дигар намуди масъулият ҷавобгӯ мебошанд. Тибқи Кодекси

Ҷумҳурии Тоҷикистон синну соли ҷиноятии ҷавобгарии ҷиноятӣ аз 16 солагӣ муайян карда шудааст (қ.1, моддаи 23 КҶ ҶТ).

Бо вуҷуди ин барои содир намудани ҷиноятҳое, ки дар қисми 2 моддаи 23 КҶ ҶТ пешбини шадаанд, ҷавобгарии ҷиноятӣ аз синни чордасолагӣ фаро мерасад.

Барои авбошӣ (моддаи 237 КҶ ҶТ) ҷавобгарӣ аз синни 16-солагӣ оғоз мегардад, барои авбошӣ дар ҳолатҳои вазнинкунанда – аз 14-солагӣ (қ.2. моддаи 23 КҶ ҶТ).

Кӯдак наметавонад ғайриқонунӣ ё худсарона аз озодӣ маҳрум карда шавад.

Ба ҳабсгирӣ, дастгиркунӣ ё

ба маҳбас маҳкам кардани кӯдак мувофиқи қонун амалӣ карда мешавад ва ҳамчун чораи охирон ва ба мӯҳлати кӯтоҳ истифода



мешавад.

## Ҳуқуқҳои кӯдак дар вақти дастгиркунӣ

Ба ноболиғони дастгиршуда ҳамаи ҳуқуқҳое, ки дастгиршуда-

гони калонсол доранд, пешниҳод карда мешаванд, лекин як қатор шароитҳои иловагӣ мавҷуд мебошанд, ки ба онҳо ҳимояи иловагиро таъмин мекунад.

Яке аз меъёрҳои махсус ва иловагӣ ин ҷудо кардани ноболиғон аз системаи адлияи ҷиноятии умумӣ ва таҳвили онҳо ба назорати ҷамъиятӣ.

* Дар вақти дастгиркунии ноболиғ, волидайн ё васиёни ӯ дарҳол оиди дастгиркунӣ хабардор карда мешаванд;

* Шахси басалоҳият дарҳол масъалаи озод кардани ноболиғро дида мебарояд;

* Ноболиғон алоҳида аз калонсолон нигоҳ дошта мешаванд;

* Ноболиғ ҳуқуқи нишондод

надоданро дорад;

* Ноболиғ ҳуқуқи иштироки волидайнҳо ё васиёнро дар вақти пурсиш кардан дорад;

* Нисбати ноболиғон шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафи онҳо манъ карда шудааст;

* Ҳар як кӯдаки аз озодӣ маҳрумшуда ҳақ дорад, ки муносибати инсонӣ (башардӯстона) талаб намояд ва шаъну шарафи шахсии кӯдак, бо назардошти талаботи шахсони синну соли ӯ, эҳтиром карда шавад;

* Ҳар як кӯдак ҳуқуқ дорад, ки:

- бо оилаи худ дар алоқа бошад;

- иҷозати фаврӣ ба кӯмаки ҳуқуқӣ гирад;

- қонунӣ будани аз озодӣ маҳрум кардани ӯ дар назди суд ё дигар мақоми салоҳиятнок талош карда шавад.

Шаҳрвандони мӯҳтарам! Ҳар як инсони муосир бояд аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъол, инсонпарвар ва тибқи қонун амалкунанда буда, дорои фаҳмиши дақиқ оид ба ҳуқуқ ва вазифаҳои худ бошад, манфиатҳои шахсии худро бо манфиатҳои давлат дуруст мувофиқ намояд. Дар баробари ин, ӯ бояд оид ба қабул накардани бераҳмӣ, таҷовуз ва зӯроварӣ бар шахсият мавқеи худро нигоҳ дорад.